# ТАҚРИЗИ

**муққаризми расмӣ ба диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

**1. Мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқот.**

Дар марҳилаи кунунӣ, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ аҳамияти миллию байналмилалиро касб менамояд ва дар бисёр давлатҳо на танҳо ҳамчун масъалаи иқтисодию иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, балки ба яке аз мавзуи сиёсии минтақа ва кишварҳои алоҳида табдил ёфта истодааст. Ин масъала дар шароити таъсири ногувори пандемия (COVID-19), ноороомиҳои сиёсӣ дар баъзе аз кишварҳои дунё ва давом ёфтани бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ боз ҳам ба яке аз масъалаи якумдараҷа табдил ёфта истодааст. Зеро ки ҷумҳурии мо, аз он ҷумла минтақаи таҳлилшаванда дар шароити яку якбора болоравии нархҳои истеъмолӣ, камчинии маводи озуқа ва душвор гардидани дастрасии озуқаворӣ бо сабаби маҳдуд гаштани воридоти баъзе маҳсулотҳои озуқа, бояд талаботи аҳолиро бо маҳсулоти озуқаи худӣ қонеъ гардонида тавонад.

Ҳалли масъалаи мазкурро ба назари эътибор гирифта, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сафари кории худ дар таърихи 17-20 марти соли 2021 ба шаҳру минтақаҳои вилояти Суғд ва воҳӯрии Сарвари давлат бахшида ба Рӯзи ҷавонон (21 майи соли 2021) аз муҳиммият ва рӯзмарра будани таъмини амнияти озуқаворӣ ёдрас гардида буданд. Аз он ҷумла қайд намудаанд, ки соли 2022 ва зимистони соли 2023 низ яке аз солҳои душвортарин барои аҳолии тамоми сайёра дар самти таъмини аҳолии кураи Замин бо маводи озуқа боқӣ мемонад ва айни ҳол аҳолии зиёда аз 20 давлати дунё норасоӣ ва камчинии маводи озуқаро ҳис менамоянд. Маҳз ҳалли ҳамин ва дигар масъалаҳои бо ин мушкилотҳо алоқаманд, зарурати омӯзиши ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқавориро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи омӯзиши муаммои иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар ба миён меоварад. Ҳамаи далелҳои дар боло зикршуда мувофиқати мавзӯи диссертатсияро муайян намуда, мубрамӣ, рӯзмарра, аҳамияти амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои дар диссертатсия гузошташуда муаллиф омӯзиши таҳаввуллоти назарияҳои олимонони ватанию хориҷӣ (аз он ҷумла русӣ) оиди таъмини амнияти озуқавории минтақа васеъ истифода бурда, маълумотҳои марказҳои таҳқиқотӣ, маводҳои конфренсиҳои илмӣ-

амалӣ, доир ба масъалаи таҳқиқшаванда ҳамчун пойгоҳи назариявии ин тадқиқот васеъ истифода бурдааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватаниву хориҷиро дар самти таъмини амнияти озуқавори минтақа эҷодкорона истифода бурда, ақидаҳои илмиро оиди таҳлили васеи таъмини амнияти озуқаворӣ ба даст орад ва онҳоро ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии минтақаҳо барои таҳияи маҷмӯи чорабиниҳои комплексӣ дар самти таъмини амнияти озуқавории минтақа истифода бурдан, пешниҳод намояд. Равияҳо ва нуктаи назари олимон аз рӯйи ақидаи муаллиф ҳамдигарро такрор ё пурра менамоянд ва танҳо назарияҳои давраҳои пеш сабабҳои бавуҷудоии ин зуҳуротро баҳо медоданд. Инчунин муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ, ба монанди таҷрибаи давлати Япония, давлатҳои аъзои Ташкилоти ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тараққиёт (ОЭСР), Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Узбекистонро омӯхта ба чунин хулоса омадааст, ки таҷрибаи пешқадами як қатор кишварҳои дунё ба монанди Ҷумҳурии Мардумии Чин ва кишвари ҳамсоя ва дӯсти Узбекистонро дар мисоли минтақаи таҳлилшаванда, оиди таъмини амнияти озуқаворӣ амалӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Ба сифати сарчашмаи иттилоот маълумотҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи амнияти озуқавории назди Президенти ҷумҳурӣ, раёсати байнибуҷетии Сарраёсати буҷети давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати мониторинги барномаҳои рушди миллӣ ва минтақавии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати кишоварзии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ҳамзамон сарчашмаи маълумотҳо аз монографияҳо ва мақолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ (аз он ҷумла олимони рус) ташкил медиҳанд. Зимни навиштан ва таҳияи диссертатсия, ба сифати сарчашмаи расмӣ аз Паёмҳои солонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бюллетени иттилоотӣ дар бораи бехатарии озуқа ва камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд. Дар ҷараёни шиносоӣ бо кор муайян карда шуд, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот рафтор кардааст, мустақилона далелҳои оморӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар раванди натиҷабардорӣ коркард ва таҳлил намудааст ва инчунин мустақилона маълумотҳои омориро вобаста ба мақсади таҳқиқот ҷамоварӣ, коркард ва таҳлил намудааст.

**3. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзуъ, навгониҳо ва муҳтавои он ба бандҳои шиносномаи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ҷавобгӯ мебошад: 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ гузаронида шуд ва мутобиқи қисми: 1.1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти маконӣ ва минтақавӣ; усулҳо ва фишангҳои тадқиқотҳои иқтисодии маконӣ; эконометрикаи қаламравӣ; ташхиси низомии мушкилотҳо ва ҳолатҳои минтақавӣ; 1.9. Баҳодиҳии нақши минтақаҳо дар иқтисоди миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; сохтори иқтисодӣ аз ҷиҳати макон, қонуниятҳои дигаргуншавии он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 1.13. Сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ; таҳлили хусусиятҳо ва баҳодиҳии самаранокии сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо ва мунитсипалитетҳо; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии қишлоқ.

**4. Саҳеҳӣ ва навгони илмии тадқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда**

Навгониҳои илмии таҳқиқот асосноккунии назариявӣ ва методӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворechт ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳлилшаванда дар ин самт мебошад.

Ба андешаи мо, унсурҳои навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:

- ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ асоснок гардида, муаммоҳои ҷойдошта дар ин самт ошкор гардида, инчунин хуссиятҳо ва намудҳои бехатарии иқтисодӣ муайян гардидааст;

- механизми худтаъминкунии озуқаворӣ муайян карда шуда, арзёбии нишондиҳандаҳои худтаъминкунии озуқаворӣ ба роҳ монда шуда, нақши онҳо дар таъмини амнияти озуқаворechии минтақа асоснок гардидаанд;

- омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, истифодаи дастовардҳои пешқадами онҳо барои ҷумҳурии мо пешниҳод гардидааст;

- вазъи ҳозираи таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа ошкор гардида, нишондиҳандаҳои худтаъминкунии озуқаворӣ, аз он ҷумла миқ-дори хароҷот барои озуқа дар ҳаҷми хароҷотҳои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ва ғайраҳо таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд;

- роҳҳои дастрасии маводи озуқа дар минтақа муайян гардида, чорабиниҳои комплексӣ оиди рушди истеҳсоли маҳсулотҳои асосии

кишоварзӣ пешниҳод гардидаанд, ки амалигардонии ин чорабиниҳо ба манфиати таъмини озуқа дар минтақа ва ҷумҳурӣ равона гардидааст;

- амалигардонии самтҳои экологию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ коркард ва пешниҳод гардидааст, ки метавонад "самараи сетарафа" (иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ)-ро на танҳо барои минтақаҳои алоҳида, балки дар маҷмуъ, барои тамоми ҷумҳурӣ таъмин созад.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро** муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодӣ, асарҳои классикони илми иқтисод, асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанию рус оид ба масъалаҳои таъмини амнияти озуқавории минтақа ташкил медиҳанд. Моҳияти омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзӯи таҳқиқотӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба дастовардаро олимон ва коршиносони ба ҳалли масъалаҳои таҳқиқоти таъмини амнияти озуқаворӣ машғул буда метавонанд мавриди муҳокима қарор диҳанд, зеро ки ин раванди мураккаби тағйирёбии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, ҳалли масъалаҳои гуногунҷанбаи хусусиятҳои иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ доштаро талаб менамояд. Аз ин ҷост, ки омӯзиши минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун омили асосии ба ҳалли ин ҳадафи стратегӣ таъсиррасон, муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ аҳамияти илмию амалии таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ ва методӣ, муаммоҳои таъмини устувори минтақа бо озуқаворӣ дар шароити танзими давлатии бозори озуқаворӣ ва таҳкими истиқлолияти иқтисодии минтақаҳо ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд. Баъзе коркардҳои илмии натиҷагиришудаи диссертатсияро дар ҷараёни таълим, зимни тадриси фанҳои таълимии "Иқтисоди миллӣ", "Асосҳои агробизнес", "Иқтисодиёти кишоварзӣ" ва "Иқтисоди минтақа" дар факултетҳои иқтисодии муассисаҳои олии мамлакат истифода бурдан мумкин аст.

**6. Тавсифи умуми кори диссертатсионӣ**

Сохтори кор, гузориши максад ва мантиқии алоқамандии онҳо тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, таъмини ҷанбаҳои назариявии амнияти озуқавории минтақаро аниқ намуда, асосҳои назариявиию методии ҳалли онҳоро коркард намудааст.

Кори диссертатсионӣ аз мукаддима, се боб, хулосаву пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 199

саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод шуда, фарогири 26 ҷадвал ва 10 расм мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти таҳқиқот, асоснокӣ, ҳадафу вазифаҳо, навгониҳои илмӣ ва аҳамиятнокии амалии натиҷаҳои бадастовардашуда мухтасар пешниҳод шудаанд

**Дар боби аввал «Асосҳои назариявӣ-минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ»** мафҳум, моҳият ва нақши амнияти озуқаворӣ дар рушди иқтисоди минтақа муайян гардида, тавсифи принсипҳо ва нишондиҳандаҳои худтаъминкунии озуқаворӣ ба роҳ монда шуда, таҷрибаи хориҷӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами онҳо дар шароити минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар раванди таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки мафҳуми "амният" хусусияти мушаххаси таърихӣ дошта, бо ҳамаи шаклҳои фаъолияти инсон, ки дар низоми "табиат-инсон-ҷамъият" робитаи байниҳамдигарӣ доранд, сахт алоқаманд аст. Ба ақидаи муаллиф, амният инчунин ҳолате мебошад, ки дар он манфиатҳои ҳаётан муҳими ҷомеа, арзишҳои миллӣ ва тарзи миллии зиндагии аҳолӣ аз таҳдиди дохилию беруна эмин мешаванд (с.22).

Амнияти миллӣ дар навбати худ амнияти давлатӣ, амнияти минтақавӣ ва ҷузъии корхона (субъектҳои хоҷагидориро) дар бар мегирад, ки таркиб ва сохтори ҷузъии амниятро муаллиф дар расми 1.1.2. овардааст. (с.24). Амнияти озуқавориро бо роҳи таъмини рушди устувори кишоварзӣ, истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва захираҳои замин таъмин намудан мумкин аст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳамзамон дараҷаи амнияти озуқавории кишвар аз иқтидори базавии истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагӣ дорад ва сиёсати аграрӣ дар доираи таъмини амнияти озуқаворӣ бояд ба дастгирии ҳамаҷонибаи молистеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ бо истифодабарии сиёсати стратегияи протексионизм (ҳимояи истеҳсолкунандагон)-и аграрӣ амалӣ карда мешавад (с.26).

Муаллиф асоснок намуда қайд менамояд, ки амнияти озуқаворӣ ва ғизо ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ (аз нуқтаи назари миқдор, сифат, бехатар будан аз ҷиҳати иҷтимоию фарҳангӣ), мавҷуд ва дастрас бошад. Ба андешаи муаллиф, амнияти озуқаворӣ аз чор унсури асосӣ иборат аст: ҳолати ғизо, истеъмол ва ҳазм, дастрасӣ ба озуқа ва мавҷуд будани он.

Барои боз ҳам фаҳмо шудану пурра будани таркиби сохтори амнияти озуқаворӣ ва унсурҳо (элементҳо)-и асосии он муаллиф ҳар кадом унсури онро таҳлил карда мебарояд: ҳолати ғизо ба миқдори кофӣ вуҷуд доштан ва ба таври воқеӣ дастрас будани ғизои бехавф ва мувофиқат намудани он ба ратсиони меёърии хӯрока асос меёбад; истеъмол ва ҳазм - донистани ҳолати саломатӣ ва шароити тозагӣ (санитарӣ) барои он зарур аст, ки организми инсон озуқавориро истеъмол ва ҳазм карда тавонад; дастрасӣ - ҳамаи

хонаводаҳо ва аъзои онҳо барои харидории миқдори зарурии озуқаворӣ (аз ҳисоби истеҳсолоту харид ва ёрмандию кӯмакҳо) ба қадри кофӣ захира доранд; устуворӣ доимо мавҷуд ва дастрас будан, истеъмол ва ҳазм кардани хӯрокворӣ мебошад ва агар озуқаворӣ мунтазам дастрас набошад, баъзе шахсон аз норасоии доимӣ ё муваққатии озуқаворӣ азият мекашанд (с.33).

**Дар боби дуюм «Таҳлил, вазъи ҳозира ва тамоюли минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ»** вазъи ҳозира ва тамоюли минтақавии худтаъминкунии озуқаворӣ муайян гардида, арзёбии таҳлили нишондиҳандаҳои таъмини амнияти озуқаворӣи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гузаронида шудаанд.

Муаллиф баъзе муаммоҳои таъмини амнияти озуқавориро, ки бевосита ба соҳаи кишоварзӣ алоқаманд аст, дар саҳифаҳои 80-82-и диссертатсия оварда шудааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки мавҷудияти маҳсулоти озуқа ба ҳар нафар аҳолӣ ба воситаи тароз (баланс)-и озуқаворӣ ба ҳисоб гирифта шуда, дар тароз (баланс)-и озуқаворӣ ҳар кадом маҳсулоти асосии озуқа аз ҷиҳати мавҷудияти умумии худи маҳсулот ва истеъмоли он дар давраи муайян нишон дода мешавад, ки маъмулан як солро дар бар мегирад. Нишондиҳандаҳои мавҷудияти озуқаворӣ дар миқёси миллӣ ба ҳисоби миёна дар ҷадвали 2.1.5. оварда шудааст (с. 86).

Ба андешаи муаллиф яке аз нишондиҳандаҳои ба худтаъминкунии озуқавории минтақа таъсиррасон - ин ҳиссаи хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо барои хариди озуқаворӣ мебошад. Дар ин раванд муаллиф ҳиссаи хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо барои маҳсулоти озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳоро дар ҷадвали 2.2.5. оварда, мавриди таҳлил қарор додааст (с.102).

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии амалигардонии таъмини амнияти озуқавории минтақа»** мавҷудият ва дастрасии маводи озуқа - ҳамчун омили муҳими таъмини амнияти озуқавории минтақа муайян гардида, самтҳои экологию иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини амнияти озуқавории минтақа коркард ва пешниҳод гардида, нақш (тарафҳои мусбию манфӣ)-и маҳсулотҳои аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда дар роҳи расидан ба истиқлолияти озуқаворӣ асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф қайд намудааст, ки имкониятҳои Тоҷикистон барои ҳалли муаммоҳои озуқаворӣ дар дохили мамлакат васеъ мебошанд, аммо соҳаи кишоварзӣ ҳанӯз аз захираҳои дохилии худ дар бахши ҳалли самараноки масъалаҳои озуқаворӣ пурра истифода намегардад. Вобаста ба ин муаллиф якчанд чорабиниҳоро барои таъмини амнияти озуқавории минтақа пешниҳод намудааст (с.120).

Ҳамчунин муаллиф қайд намудааст, ки яке аз сабабҳои дастрас набудани аҳолӣ ба озуқаворӣ ин болоравии нархҳо ба ҳисоб рафта, нишондиҳандаҳои болоравии нархҳо ба махсулотҳои асосии озуқаворӣ дар

ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҷадвали 3.1.7. оварда асоснок гардидааст (с.122). Муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки хушбахтона дар даҳсолаи охир дар ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳлилӣ корхонаҳои паррандапарварӣ (аз он ҷумла мурғпарварӣ) сохта мавриди истифода қарор гирифтааст, ки маҳз ба болоравии нархҳо ба маҳсулотҳои гӯштӣ таъсири мусбии худро расонида, яъне аз ҳад зиёд болоравии нархҳоро ба ин гуна маҳсулотҳо боздоштааст.

Ҳамин тавр муаллиф дар зербоби 3.2. самтҳои экологию иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини амнияти озуқаворӣ таҳлил намуда, дар расми 3.1.2. самтҳои экологию иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини амнияти озуқавориро мушаххастар овардааст (с.141). Инчунин аз нигоҳи муаллиф, ба ғайр аз самтҳои экологию иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини амнияти озуқавории минтақа ба самтҳои асосӣ (стратегӣ)-и таъмини амнияти озуқаворӣ инҳоро низ дохил намудан ба мақсад мувофиқ аст: такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии бахши таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди устувори кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи самараноки захираҳои замин; дар амал татбиқ намудани барномаи таҷдиди технологии кишоварзӣ, дастрас ва бо техникаи муосир таъмин намудани соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат; ҷоннок намудани рушди муносибатҳои ҳамгироӣ байни истеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо мақсади коркарди пурраи маҳсулоти кишоварзӣ ва кам намудани талафи он (с.140-142).

**Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо** натиҷаҳои асосии кори илмӣ, пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

1. Дар кори илмӣ минтақабандии ҳудудӣ мушаххас бояд бошад. Аммо номуайян аст, ки муаллиф кадоме аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳуририро мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Хубтар мешуд, агар муаллиф дар ҷадвалҳои алоҳида ягон ноҳияи мушаххаси тобеи ҷумҳуририро мавриди таҳлил қарор медод.

2. Дар саҳифаҳои 116-и диссертатсия (ҷадвали 3.1.4.) муаллиф нишондиҳандаҳои 3 солро истифода бурдааст, ки барои мушаххас намудани тағйиротҳо басанда нест, зеро ки 3-сол барои муайян намудани динамика (тағйиёрёбӣ) ва тамоюли мавҷуд будани маҳсулоти озуқаворӣ дар ноҳияҳои таҳқиқшаванда нокифоя аст.

3. Дар зербоби 3.1. мавҷудият ва дастрасии маводи озуқа оварда шуда аст, аммо хубтар мешуд, агар муаллиф дар мисоли ягон ноҳияи алоҳидаи ҷумҳурӣ дастрасии маводи озуқаро таҳлил намуда асоснок менамуд.

4. Дар зербоби 3.2., ки ба самтҳои экологию иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини амнияти озуқаворӣ бахшида шудааст, беҳтар мешуд агар муаллиф самараи "сегона" (яъне ҳам экологию иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ)-и таъмини амнияти озуқавориро бо нишондиҳандаҳои арзишӣ (пулӣ) ифода менамуд.

5. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия боз ҳам бою ғанӣ мегардид, агар муаллиф дар раванди кори диссертатсионӣ вобастагии таъмини амнияти озуқавориро аз рушди саноатикунонӣ, бахусус "саноатикунонии босуръат", ки ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар ҷумҳурии мо эълон гардидааст гардидааст, нишон дода асоснок менамуд.

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқарраротн асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**9. Мувофиқати диссертатсия ба "Тартиби додани дараҷаи илмӣ"**

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионӣ таҳқиқоти илмии мустақилона ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии таъмини амнияти озуқавории минтақаро тараққӣ медиҳад.

Умуман, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионии номбаршуда Исайнова Манижа Ҳисайновна дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дода шавад.

**Муқарризи расмӣ, н.и.и.,**
**дотсенти кафедраи иқтисодиёт**
**ва идоракунии ДТТ** **Қиёмидинов Ҳ.Қ**

**Имзои Қиёмидинов, Ҳ.Қ. -ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДТТ** **Бухориев Н.А.**

**Суроға:**